# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷейн Эйр”-и Ш.Бронте)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). – шаҳри Душанбе, 2025. 182 с.**

Мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷейн Эйр”-и Ш.Бронте)» ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат мекунанд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он аст,** ки таҳқиқи типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар асоси асарҳои бадеӣ то ба имрӯз аз тарафи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба таври мушаххас омӯхта нашудааст. Таҳқиқи он барои ҳалли як қатор масоили назариявию амалии тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ бунёди асосӣ ва устувор ба шумор меравад. Мавзуи таҳқиқ на танҳо аз хусусиятҳои монанд ва фарққунандаи бонизом, мунтазам ва устувори забон, балки, аз муқаррар кардани мутобиқатҳои байнизабонӣ иборат мебошад, ки бешубҳа барои тарҷума аҳамияти зарурӣ дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** ба он равона мегардад, ки бо вуҷуди таҳқиқоти анҷомёфта дар самти забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ, масъалаи муқаррар намудани типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ то ба имрӯз мавриди омӯзиши амиқ ва ҳамаҷониб қарор нагирифтааст. Дар диссертатсияи мазкур номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ дар асоси тарҷумаи асари нависандаи англис Шарллота Бронте “Ҷен Эйр” пурра таҳлил шуда, мутобиқат накардани воҳидҳои луғавӣ миёни матни асл ва тарҷума ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои луғавии муодил ва бемуодил бори аввал таҳқиқ гардидааст. Ғайр аз ин, дар диссертатсия бори аввал навъҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ муқаррар гардидаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** аз нигоҳи илмӣ асоснок шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти бадастомадаро, ки бо фарогирии 6 банд пешниҳод гардидаанд, инъикос карда метавонад. Аз ҷумла:

1. Таҳлил ва баррасии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи бадеӣ дар мисоли забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ имрӯзҳо хеле мубрам ва зарурӣ арзёбӣ гардида, заминаи боэътимоди назариявӣ ва амалиро барои пажуҳишҳои минбаъда дар соҳаи забоншиносӣ ва тарҷума фароҳам месозад;
2. Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ аз мутобиқатии онҳо сарчашма мегирад;
3. Омилҳои гуногуни пайдоиши номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи бадеӣ мавҷуд мебошанд, ки дарки онҳо ба мукаммалии тарҷума мусоидат менамояд;
4. Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва камбудиҳои тарҷумонӣ ду мафҳуми якзайл намебошанд. На ҳама гуна номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ҳамчун камбудиҳои тарҷума фаҳмида мешаванд;
5. Дар фарҳанг, тамаддун, расму оин ва тарзи зиндагии мардуми гуногунзабону гуногунфарҳанг дар баробари монандиҳо фарқиятҳо низ ба назар мерасанд, ки вижагиҳои хоси ифода дошта, сабаби пайдо гаштани воҳидҳои луғавии бемуодил дар раванди тарҷума мегардад. Дар натиҷаи тарҷумаи чунин воҳидҳо миёни матни асл ва матни тарҷума номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ба вуҷуд меояд;
6. Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои муодил низ ба вуҷуд меояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир гардидааст,** ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро истифодаи методҳои луғавӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, тарҷумавӣ ва ғайраҳо таъмин менамоянд, ки барои дуруст ба роҳ мондани роҳу воситаҳо ва вижагиҳои тарҷумаи матнҳои бадеӣ аз забони асл ба забони тарҷума мусоидат менамояд ва ин барои донишандӯзони соҳаи забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ, муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ муҳим аст.

**Аҳамияти илмию амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои илмии диссертатсия барои пажуҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мусоидат менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдароии диссертатсия ба талабот**. Сохтор, мундариҷаи диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна, сабки нигориш ва ороиш, ҳамчунин ҳаҷми он ба талаботу меъёрҳои КОА-и назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқат мекунад.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷума»** унвон дошта, аз 4 зербоб иборат аст. Дар ин боб муаллифи диссертатсия ба таҳлили назариявии номувофиқии воҳидҳои луғавӣ ва омилҳои таъсиргузор ба онҳо, инчунин принсипҳо ва меъёрҳои мутобиқат ва номутобиқат дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ мепардозад.

Зербоби якум «*Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва омилҳои пайдоиши онҳо*» номгузорӣ шуда, дар тарҷума масъалаи таҳлили амиқи бисёрҷонибаро тақозо мекунад, зеро он имкон медиҳад, то меъёрҳои баҳодиҳии сифати тарҷума муқаррар карда шаванд. Одатан, номувофиқатӣ дар мундариҷа, шакли матни асл ва тарҷума боиси тағйир ёфтани муҳтавои матни асл мегардад.

Зербоби дуюм «*Принсипҳои асосии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар матнҳои асл ва тарҷума*» оиди принсипҳои асосии номувофиқатӣ дар ҷумлаҳои матни асл ва тарҷумавӣ хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо намунаҳо аз асарҳо бадеӣ оварда шудааст.

Зербоби сеюм «*Меъёрҳои мутобиқатӣ ва номутобиқатӣ дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ*» номгузорӣ шудааст, ки дар он омадааст, ки яке аз намудҳои муҳими мутобиқсозии матни асл ба матни тарҷумавӣ ин мутобиқсозии шаклӣ ба шумор меравад, ки мақсади асосӣ дар он ба сохтор ва мазмуни матн дода мешавад.

Зербоби чоруми боби якум «*Баррасии таҳвилоти тарҷумавӣ ҳамчун пайомади номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи бадеӣ*» номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои асосии номутобиқатӣ миёни матни асл ва тарҷума тафовут дар сохтори забон, тафриқаи фарҳангӣ ва номутобиқатии шаклҳои жанрӣ ва услубии забонҳои асл ва тарҷума, воҳидҳои бемуодил баррасӣ мегардад.

**Боби дуюм «Номувофиқатӣ дар тарҷумаи воҳидҳои луғавӣ: мушкилоти муодилнокӣ ва бемуодилӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ»** аз ду зербоб иборат буда, дар зербоби якум оиди «*Мушкилоти муодилнокӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ*» сухан меравад. Зербоби дуюм «*Мушкилоти бемуодилӣ миёни забони манбаъ ва забони мақсад*» номгузорӣ шуда, масъалаи номувофиқатии воҳидҳои луғавиро дар тарҷумаи воҳидҳои бемуодил баррасӣ менамояд.

**Боби сеюм «Таҳлили номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар раванди тарҷума»** унвон дошта аз чор фасл ва сенздаҳ зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб пас аз таҳлили номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои русӣ ва тоҷикӣ

дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Шарлотта Бронте аз забони англисӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

- номувофиқатии тарҷума на танҳо дар аксари мавридҳо асоснок карда шуда, балки он гурӯҳбандӣ низ карда мешавад;
- таснифи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷума имкон медиҳад, ки сабабҳои пайдоиши онҳоро фаҳмонида, асоснокии онҳо дар мавридҳои мушаххас муайян карда шавад;
- омили субъективӣ ҳам ба миқдор ва ҳам ба сифати номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷума таъсир мерасонад;
- барои таҳлили муфассали сифати тарҷума таҳлили номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷума зарур аст, чунки дар рафти он таснифоти тафовутҳо барои фарқ кардани номувофиқатии асоснок ва ғалатӣ мусоидат мекунад.

Ҳамзамон диссертант дар ин қисмат низ бо мисолҳои мушаххас оиди номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар раванди тарҷума мароқ зоҳир кардааст.

**Автореферати диссертатсия** мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари натиҷаҳои бадастомада ба назри мо баъзе камбудӣ ва норасоҳои зерин дар диссертатсия ба назар мерасад:

1. Дар мукаддима мухаққиқ оид ба андешаҳои илмии мухаққиқони гуногун ибрози андеша намуда, аммо дар мавриди баррасии масъалаи асосӣ дар боб ва фаслҳои минбаъда ба манбаъҳои илмӣ камтар мутаваҷҷеҳ шудааст.
2. Дар диссертатсия зимни нишон додани асосҳои назарии таҳқиқот ба пажуҳишҳои маъруфи ватанӣ камтар таваққӯҳ дода, бештар ба олимони рус ишора шудааст.
3. Дар баъзе ҷумлаҳои диссертатсия эзоҳи поварақ дар байни ҷумла дода шудааст, ки хеле хуб мешуд агар он пас аз сархати ба итмомрасида оварда шавад. Инчунин баъзе рақамҳои эзоҳи проварақҳо ба рақамбандии руйхати адабиёти илмӣ мувофиқат намекунанд (масалан, [105, 137] ва [111, 47] аз саҳифаи 24).
4. Хулосаи ҷамъбастии хар як боби таҳққиқот хеле кам буда, дар мундариҷаи кор пешниҳод нашудаанд.
5. Дар рӯйхати адабиёт баъзе камбудиҳо дар навиштани автореферат ва диссертатсияҳо ба назар мерасад, ба монанди: (дисс. на соис.

учен. степ. канд. филол. наук. саҳ.163; дис... док. филол. саҳ. 166; дисс.. канд. филол. саҳ. 167). Инчунин дар рӯйхати адабиёт шумораи 53 ва 58 ном ва асари як муаллиф такрор омадааст.

6. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо сифати корро беҳтар мегардонанд (с. 16, 19, 21, 98, 102, 159, 168).

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳамияти назарявию амалии диссертатсияро коста намекунад ва ба муҳтавои асосии он таъсири манфӣ надорад.

Дар маҷмуъ, рисолаи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷейн Эйр”-и Ш.Бронте)» кори мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ анҷомдодашуда ба шумор рафта, дорои навгонӣ, арзиши илмию амалӣ аст ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филология,
дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳусейнова Гулпарӣ Аҷикуллоевна

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе. Тел: (+992) 918 73 09 58
E-mail: gulpari786@mail.ri

Имзои Ҳусейнова Г. А. -ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М. А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, к. Нахимов 16/14
E-mail: tgfeu.tj

«12» майи соли 2025.